# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсия ва автореферати Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи **«Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ»** аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.-Назария ва методикаи таълим ва тарбия (5.3.5.1.- Назария ва методикаи таълими таърих) пешниҳод шудааст

Дар ҷомеаи муосир ба масъалаи ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Бояд қайд кард, ки аҳамият пайдо кардани масъалаи мазкур дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои амалӣ гардонидани фаъолияти педагогӣ бо манфиатҳои давлат ва ҷомеа алоқаманд аст.

Дуруст аст, ки ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар замони муосир дорои аҳамияти муҳими педагогӣ ва амалӣ мебошад, зеро бе омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи бадастовардаи корӣ дар раванди ҳамкориҳои педагогӣ наметавон масъалаи мазкурро дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муваффақона ҳаллу фасл намуд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот ҷиҳати ба даст овардани донишҳои илмӣ - методӣ оид ба ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ ошкор ва муайян карда шудааст.

Дар раванди ноил шудан ба самаранокӣ ва сифати таълим ба хонанда омӯзонидан лозим аст, ки ба таври интиқодӣ андеша намояд, ҳаҷми иттилооти пешбинишавандаро мустақилона таҳлил кунад ва нуқтаи назари худро, муносибати худро ба рӯйдодҳои ҳозира ва ба иттилооти дастрас дар бораи гузашта ташаккул диҳад.

Мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ - Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад хеле мубрам буда, воқеъан ҳам он мушкилоте, ки вобаста ба масъалаҳои

иҷтимоӣ-педагогии рушди таҳсилот дучор мегардад, баррасӣ менамояд. Дар ин ҷода аз ҷониби муҳаққиқ бо мақсади муайян намудани дараҷаи мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, ҳадафи таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, асоси методологии таҳқиқот, сарчашмаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқот ва пойгоҳи таҷрибавию озмоишии таҳқиқот, муайян карда шудааст ва он бешубҳа қобили қабул аст.

Рисола муҳимтарин масъалаҳоро фаро гирифта, дар он шароитҳои педагогии ташаккули ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян ва роҳҳои ҳалли он мушаххас пешниҳод гардидааст ва натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот ба даст овардашуда метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи масоили марбут ба масъалаҳои дигари арзиши муҳими иҷтимоидошта дар фаъолияти педагогии омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар марҳалаи кунунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намояд.

Муаллиф моҳият ва мазмуни корҳои озмоиширо доир ба мавзуи интихобкардааш комилан дар чорчӯбаи талаботи фаъолияти педагогӣ марбут ба масъалаҳои арзиши муҳими иҷтимоӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ менамояд, ки он ҳамчун арзёбии сифатӣ хизмат мекунад.

Раванди педагогӣ, муваффақият ва самаранокии он аз ҳамдигарфаҳмӣ, эътимод ва ҳамкории миёни омӯзгор ва хонандагон вобаста аст. Ба даст овардани чунин ҳамкорӣ аз бисёр ҷиҳат аз дараҷаи зеҳн, дониш, касбият, сифатҳои ахлоқӣ ва муоширати омӯзгор вобаста аст, ки дар маҷмуъ онро ҳамчун салоҳияти касбии ӯ фаҳмидан мумкин аст.

Дар рисолаи илмии Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад салоҳияти касбии омӯзгор - ин сифати муҳимтарини шахсияти омӯзгор, воситаи пурқуввати таъсири ғайримустақим ба шогирд ва намунаи ибрат будан аст. Баланд

будани нуфузу эътибори омӯзгор ба он боис мегардад, ки муомилаву рафтори ӯ бо хонандагон дар шакли писандида ҷараён мегирад, боэҳсосӣ, ҷолибият ва рангинии он аён гашта, талаботи ба хонандагон пешниҳодкардаи ӯ ҳамон қадар одилонатар ба назар хоҳад расид. Аксар вақт хонандагон дар фаҳмидани рӯйдодҳо ва падидаҳои таърихӣ бо мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд, ки қобилияти таҳлил ва хулосабарории онҳоро душвор мекунад. На ҳар як омӯзгор барои таълиму тарбияи хонандагон салоҳият дорад, ки ин аксар вақт сабаби пайдоиши ҳолатҳои гуногун миёни омӯзгору хонандагон мегардад.

Дар маҷмуъ таҳқиқоти гузаронидашуда дар коркарди муносибати методологӣ, назариявӣ ва амалӣ марбут ба ҳаллу фасли масъалаҳои арзиши муҳими иҷтимоӣ дар фаъолияти тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умум нақши муҳим мегузорад.

Ба тариқи пешниҳод гуфтанӣ ҳастем, ки дар ҳолати бештар овардани таҳлили таҳқиқоти олимони ватанӣ доир ба масъалаи баррасишаванда, мазмуни рисола боз ҳам хубтару ғанитар мегардид.

Диссертатсия ва автореферати Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар асоси стандартҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст.

Автореферати диссертатсия хеле пурмазмун дар доираи рисола таълиф гардида, дар маҷмуъ натиҷаҳои кори таҳқиқотии муаллифро инъикос мекунад. Аз натиҷаи таҳлили автореферати диссертатсия аён мегардад, ки муҳаққиқ зимни баррасии масъалаҳои назариявӣ андешаи шахсии худро низ баён кардааст.

Хулоса, таҳқиқоте, ки Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад ба анҷом расонидааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз диди амалӣ барои аз нуқтаи илмӣ ҳаллу фасл намудани ин проблемаи муҳими педагогӣ боз як кори таҳқиқотии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои минбаъдаи таҳқиқи ин муаммо манбаи боэътимоде хоҳад буд.

Дар ҳамин асос метавон ба натиҷае расид, ки кори таҳқиқотии Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ», таҳқиқоти мустақил ва ба анҷомрасида буда, автореферат мӯҳтавои асосии диссертатсияро инъикос карда, мақолаҳои чоп намудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, фарогири мавзуи диссертатсия мебошад.

Муаллифи диссертатсия Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.-Назария ва методикаи таълим ва тарбия (5.3.5.1.- Назария ва методикаи таълими таърих) арзанда аст.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав__________Қурбонов Ф.А.
___19___ ___12___ соли 2025

Имзои Ф. А.Қурбоновро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав __________Нажмидинов М.М.

735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, к. Айнӣ 67
Тел:(+992-3222) 2-54-81 bgu-1978@mail.ru